«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ.,
дотсент, генерал-майори милитсия

____________ Насуриён П.А.

«11» ________04________ 2026

# ПРОТОКОЛИ № 9

ҷаласаи кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи
факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «10» апрели соли 2026 ш. Душанбе

**Сардори кафедра: н.и.ҳ., дотсент Қосимов Ф.М.**

**Котиби ҷаласа: сардори қисми таълимӣ Рӯзихонзода С.Р.**

**Иштирок карданд:** сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитсия Қосимов Ф.М., профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., полковники милитсия Назарзода Н.Ҷ., профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ., профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини амнияти

ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитсия Сафарзода Ҳ.С., иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., Аминзода Б.С., сардори факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., подполковники милитсия Амрудинзода М.А., муовини сардори факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитсия Шарифзода С.Ш., сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитсия Каримзода У.К., сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., подполковники милитсия Ализода Н.Д. ва сардори қисми таълимии факултети №1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия Рӯзихонзода С.Р.

РУЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ.**

**Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия Сафарзода Ҳаёт Сайдамир.**

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Нуруллозода Меҳрулло баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият, вазифа,

мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола бо офатҳои ҷиддии табиӣ ва техногенӣ, аз қабили заминларза, обхезӣ, ярч, тармафаро҃й, сангрезӣ, сухтор, садамаҳои нақлиётӣ ва ғайра рӯбарӯ мешавад. Оид ба хатарҳои ҳолатҳои фавқулодаи зикршуда дар сатҳи роҳбарияти олии кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, таъкид мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ҳодисаҳои табиӣ ва геологиву гидрологӣ, аз қабили боронгариҳои тӯлониву обхезӣ, омадани селу ярч, боридани барфи зиёду фаромадани тарма, инчунин, заминларза ба амал омада, ба аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар зарари ҷиддӣ мерасонанд. Кӯҳҳои баланд ҳангоми гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ омили монеагии алоқаи мавҷҳои радиои ултракутоҳ гардида, ташкил ва татбиқи амалиётҳои наҷотдиҳии фаврӣ ва бартараф кардани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мушкил мегардад.

Бинобар дар масири хатҳои шикастаи сейсмикӣ қарор доштани кишвар, тибқи маълумоти коршиносони соҳа эҳтимолияти дар ҳудуди 50% ҷумҳурӣ рӯх додани заминларзаҳои 9 балла, дар ҳудуди 38% заминларзаҳои то 8 балла ва дар ҳудуди 12% он заминларзаҳои то 7 балла имконпазир мебошад. Ҳамасола дар манотиқи гуногуни он зуд-зуд заминларзаи дараҷаҳои гуногун рӯх дода, боиси ба инфрасохтори иқтисодии мамлакат расонидани хисотори калони моддӣ ва дар баъзан маврид талафоти одамон мегардад.

Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти истифода аз тамоми имкониятҳои мавҷуда, тақвияти фаъолияти соҳавӣ ва ба роҳ мондани шаклу усулҳои нави корӣ бояд, ки таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти мардум дар масири ҳифз намудани онҳо аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар давлат баҳри кафолати ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон, рушди иқтисоди миллӣ ва афзудани эътибори давлат дар арсаи ҷаҳонӣ таъмин карда шавад.

Бинобар аз рӯйи мазмун гуногунҷанба ва аз рӯйи сатҳ дорои дараҷаи хавфнокии гуногун будани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, яке аз

роҳҳои муҳим ва муваффақиятнок вобаста ба ҳифз намудани аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бо таври дақиқ муайян намудани мақсад ва вазифаҳои ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ (минбаъд – МКД) дар доираи гурӯҳҳои мутаҳидкардашудаи функсионалӣ мебошад, аммо ташкил намудан ва идора кардани чунин низомҳои функсионалӣ вобаста ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, баланд бардоштани қобилияти тағйирпазирӣ ва фаъолшавии чунин гурӯҳҳо вобаста ба ҳолатҳои фавқулодаи пешгӯинашаванда омӯзиши амиқи илмӣ ва амалиро тақозо менамояд, ки аз раднопазир будани мубрамияти мавзуъи таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замимаҳо (натиҷаи назарсанҷӣ, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ, лоиҳаҳо оид ба такмили қонунгузорӣ) иборат буда, ҳаҷми умумии онро 271 саҳифа ташкил менамояд.

Ҷиҳати ҳамаҷониба ҳаллу фасл намудани мавзуи баррасишаванда, мақсади таҳқиқот ба омӯзиши асосҳои назариявӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқии фаъолияти воҳидҳои сохтории мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти манфиатдори давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, муайян кардани мушкилоти ташкилӣ ва ҳуқуқӣ дар ин самт ва таҳияи консепсияи мушаххас барои такмил додани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти воҳидҳои сохтории мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар пешгирӣ ва бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ нигаронида шудааст.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар боло зикршуда, вазифаҳои зерин муқаррар карда шуданд: мушаххас сохтани мафҳум ва намудҳои "ҳолатҳои фавқулода" дар меҳвари дигар таърифҳои ҳуқуқии ба он ҳамҷавор; муайян кардани принсипҳои асосии ташкил ва идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ

дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ; тасниф кардани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ аз рӯи дараҷаи хатарнокӣ ва арзёбии мундариҷаи ҳуҷҷатҳои расмии консептуалӣ дар ин соҳа; тавсиф додани мазмуну моҳияти санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ваколатдори давлатиро дар пешгирӣ ва бартараф сохтани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ танзим мекунанд; муайян кардани асосҳои ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ; мушаххас сохтани нақши милитсия дар Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ; ошкор намудани самтҳои асосии такмил додани асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти милитсия ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ; муайян кардани самтҳои афзалиятнок ҷиҳати азнавсозии сохторҳои ташкилии воҳидҳои амалиётии муштараки МКД оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ.

Муаллиф бо истифода аз методология амиқи илмӣ - усули диалектикӣ-материалистӣ, усулҳои алоҳидаи илмӣ, системавӣ, мантиқӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ, таърихӣ, оморӣ, ҳамзамон, бо мақсади омӯзиши мушаххаси масъалаҳои ҷойдошта дар самти ташкили фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва ҷузъу томи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ аз усулҳои анкетагузаронӣ ва пурсиши роҳбарони ҷузъу томи МКД дар ин самт бо таври фаррох истифода бурда, вазифаҳои зикргардидаро бо пайдарҳамии мантиқӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ аз маълумоти омории фарогири фаъолияти ҷузъу томи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар ҳафт соли охир ба таври васеъ истифода гардидааст. Аз ҷумла, бо 200 нафар кормандону роҳбарони шуъбаҳои вазорати корҳои дохилӣ  ва Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии ВКД оид ба вазифа ва функсияҳои МКД дар

пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ пурсиши сотсиологӣ гузаронида шудааст, ки аз воқеъбинона будани мавқеи муаллиф шаҳодат медиҳад.

Натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои таҳқиқотӣ тасдиқи худро ёфта, дар нуктаҳои зерини барои ҳимоя пешниҳодшуда таҷассум ёфтаанд:

1. Мафҳуми «шароити махсус» таҷассумкунандаи фаъолияти пурзури хизмати ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти қудратӣ дар ҳолати рӯх додани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоӣ, инчунин дар ҳолати эълон гардидани вазъияти фавқулода, вазъияти ҷангӣ буда, мазмуни муттаҳидкунандаи шароитҳои махсуси пешбурди фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратии кишварро дорад.

2. Мафҳуми «сохтори ташкилӣ» - маҷмуи унсурҳои дохили низом ва мансабу ухдадориҳои функсионалии кормандонро дар бар мегирад, ки бо пайвандҳои мутақобилаи амудӣ ва уфуқӣ пайвастанд ва ҳамчун шакли дохилии ташкилот нақшаи амалисозии мақсаду вазифаҳои фаъолияти ҷузъу томи алоҳидаи сохторро дар асоси муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассум менамояд.

3. Зери мафҳуми «омодагии МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» - ташкил намудани низоми идоракунӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ, гурӯҳбандии қувва ва воситаҳои МКД барои иҷро намудани вазифаҳои дарпешгузошташуда, дар муҳлати муайяни вақт фаҳмида мешавад.

4. Консепсияи муаллиф оид ба ташкил ва идоракунии ҷузъу томи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба самтҳои зерин нигаронида шудааст:

– зарурати объективии ташкил ва фаъолияти якҷояи қувва ва воситаҳои МКД;

– муайян намудани мавқеъ ва нақши гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалии МКД дар Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода;

– тартиби ташаккул ва истифодабарии онҳо дар минтақаи ҳолати фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ;

– таъмини ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва зерсохторҳои он; ташкил, омодагӣ, гурӯҳбандӣ ва истифодабарии гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалӣ ва қуваю воситаҳои МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ;

– мушаххас сохтани мазмуну моҳияти принсипҳои асосӣ, ҳадафҳо, вазифаҳо, уҳдадориҳо ва сохтори чунин гурӯҳи муттаҳидкардашуда вобаста ба пешгирӣ ва рафъи чунин ҳолатҳо;

– таҳияи усулҳои муосир ва муайян кардани хусусиятҳои ташкили муносибатҳои дохилӣ ва берунӣ байни субъектҳои иштирокчии Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода;

– таъмини омодагӣ, сафарбаркунӣ ва вокуниши саривақтии қувва ва воситаҳои мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулода ва вобаста ба зарурат азнавсозии ҷузъу томи мақомоти милитсия барои амалиёти дастаҷамъона дар чунин ҳолатҳо.

Инчунин, хулоса ва пешниҳодҳои амалии муаллиф вобаста ба мавзуи матраҳгардида, дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошанд. Аз ҷумла, онҳо иброз медоранд, ки тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ», мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба бехатарии сейсмикӣ корҳоро оид ба паст кардани хавфи сейсмикӣ ва омода намудани аҳолӣ ба заминҷунбии шадид дар ҳудуди дахлдор ташкил менамояд. Вобаста ба таъйинот ва самти фаъолияти дигар мақомоти давлатӣ дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон», «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» ва ғ. талаботи зарурӣ вобаста ба ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ муқаррар гардидааст, ки аз рӯйи мазмун дар маҷмуъ табиати ҳолатҳои фавқулодаи

табиӣ ва техногениро фарогир мебошанд. Бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта, дар доираи як қонун муттаҳид сохтани қонунҳои номбурда манфиатпазир хоҳад буд, зеро дар қонунгузории амалкунанда ихтилофоти муайян вобаста ба ташкили ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо ва такроршавии функсияҳояшон вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мавҷуд аст.

Мавқеи муаллиф вобаста ба он, ки низоми огоҳкунии пешакӣ аз заминҷунбӣ, обхезӣ, пешгирӣ ва рафъи дигар оқибатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ айни замон дар асоси нақшаҳои оперативии махфӣ амалӣ мегардад, ки мухолифи талаботи зербанди 1 банди 1 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сирри давлатӣ” аз 26-уми июли соли 2014, № 1095 мебошад, қобили эътироф ва пазироӣ мебошад. Мутаносибан коркард ва тасдиқ намудани нақшаҳои оперативии ғайримахфӣ барои вокуниши саривақтӣ вобаста ба ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ тақозои замон аст.

Инчунин, вобаста ба таъмини омодагии мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилоту муассисаҳо дар зери чатри Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, коркард намудани нақшаҳои оперативӣ, омодагии кормандон барои фаъолияти муташаккилона дар гурӯҳҳои функсионалӣ, таъмини омодагии ҷисмонӣ, касбӣ ва психологӣ, таъминоти ҳамаҷонибаи моддӣ-техникӣ, ташкили низоми идоракунии гурӯҳҳои мутамарказонидашудаи функсионалӣ, мақомоти идоракунии оперативии онҳо, воситаҳои алоқа ва таъминоти иттилоотии онҳо, ташкили фаъолияти дастаҷамъонаи муштараки дохилӣ ва берунии гурӯҳҳои функсионалӣ низ хеле андешаҳои арзишманди илмӣ мебошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуктаи назари масъалагузорӣ, равиши таҳқиқот, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, бахусус, дар соҳаи фаъолияти ҳифзиҳуқуқии кишвар ба ҳисоб рафта, баҳри устуворгардонии пояҳои бунёдии ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд.

Навгонии диссертатсияи мазкур дар хулоса, пешниҳод ва замимаҳои манзурнамудаи муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз таҳқиқи мавзуъ бо дарназардошти истифода аз усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ коркард шуда, натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо муайян менамоянд ва метавонанд, ки дар таҳқиқотҳои илмӣ, фаъолияти амалии соҳавӣ, такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории фавқулода ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти қонунгузори ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия пешбинишуда метавонанд ҳангоми таълими фанҳои таълимии «Идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар шароитҳои махсус», «Назарияи идоракунӣ», «Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилӣ», «Таъмини бехатарӣ аз сухтор», таълифи маводи таълимӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ васеъ истифода гардида, ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявӣ ва амалии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар раванди таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ истифода гарданд.

Дар ҷараёни ҷаласа баромадҳои муқарризони аз ҷониби кафедра таъйиншуда вобаста ба диссертатсияи унвонҷӯ Нуруллозода Мехрулло: сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитсия Қосимов Ф.М., сардори факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., подполковники милитсия

Амруддинзода М.А., сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., подполковники милитсия Вализода Н.Д. шунида шуд. Сипас, унвонҷӯ Нуруллозода Меҳрулло вобаста ба пешниҳодҳо ва эродҳои аз ҷониби муқарризон баёнгашта ҷавобҳои мушаххас дода, назари худро вобаста ба онҳо иброз дошт.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд. Инчунин, таъкид сохтанд, ки дар маҷмуъ асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар самти пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ бо таври фаррох ва ҳадафмандона мавриди омӯиш ва баҳрабардорӣ қарор дода шудааст. Аз ҷумла, мавқеи муаллиф вобаста ба он, ки кафили баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ҳолатҳои фавқулода бо таври мунтазам гузаронидани машқҳои ситодӣ-фармондиҳӣ ва тактикӣ-тахассусӣ дар вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таълимии онҳо ва дар ҷойҳои эҳтимолии ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ арзёбӣ гардидааст, қобили эътироф ва пазироист. Зеро чунин мавқеъгирии муаллиф барои рафъи ҳолатҳои фавқулода дар мавриди эълон гардидани вазъияти фавқулода ва ё ҷангӣ низ мусоидат хоҳад кард.

Ҳамзамон, дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён: полковники милитсия Назарзода Н.Ҷ., н.и.ҳ., полковники милитсия Қосимов Ф.М., н.и.ҳ., подполковники милитсия Вализода Н.Д., полковники милитсия Шарифзода В., ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Нуруллозода Меҳрулло ҷавобҳои мукаммал дод.

Инчунин, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххас ва возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ

намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Нуруллозода Меҳрулло ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассалро пешниҳод намуд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мутобиқат намуда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охири ҷаласа аз иштирокчиён хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия Қосимов Ф.М. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори мукаммали илмии анҷомёфта ҳисобида, онро барои ҳимоя тавсия намуд.

Қайд гардид, ки Нуруллозода Меҳрулло муҳаққиқи ба камолрасида ва пурмаҳсул ба шумор рафта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки 5-тои онҳо ҳамчун мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд ва ҷузъиёти алоҳидаи масоили таҳқиқоти диссертатсиониро фаро гирифтаанд.

Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади муқарризон ва дигар баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ - ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ - ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавкулодаи табиӣ ва техногенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 10 апрели соли 2026 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 11 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа: Қосимов Ф.М.

Котиби ҷаласа: Рӯзихонзода С.Р.

Имзои “Қосимов Ф.М. ва Рӯзихонзода С.Р.”-ро тасдиқ мекунам:

Сардори ШК Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

«11» 04 соли 2026

Суроға: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. М. Мастонгулов, 3, тел: +(992 37) 226-60-42, факс: +(992 37) 226-60-43, Веб.сайт – www.avkd.tj, e-mail: academia.a@vkd.tj